## МЕҲМОН

# ДУЪОИ МОДАР



**МЕҲМОН**

# *ДУЪОИ МОДАР*

*Маҷмӯъаи шеър*



ТОШКЕНТ
«YANGI NASHR»
2017

**УЎК: 825.227.**
**84(5Тож)7**
**Н37**

*Ин маҷмӯъаро ба муносибати зодрӯзи Модарам, ки 15-август мебошад, армуғон медорам.*

*Муаллиф*

**Нарзиқулов, Меҳмон.**

Нарзиқулов, Меҳмон. Дуъои Модар. Маҷмӯъаи шеър. – Т.: "Yangi nashr", 2017. – 44 саҳ.

ISBN 978-9943-22-282-3

**КБК 84(5Тож)7**

Муҳаррири масъул:
**Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ**

Тақриздиҳанда:
**Фарҳод Исомиддинов,**
*номзади улуми филологӣ, профессори Академияи Улуми Байналхалқӣ*
**Рӯзибой Қурбонов,**
*адабиётшинос*

Чакидаҳои қалами шоир ва мунаққиди ҷавон Меҳмони Ғелонӣ (Нарзиқулов) дар китобҳои "Чеҳраҳои Ангрен" ва "Сапедадам", дар рӯзномаҳо ва нашрияҳои "Овози тоҷик", "Овози Самарқанд", "Ховар", "Субҳи Гулобод", "Улуғ йўл", "Булбулча доно" ба чоп расидаанд.

Мавзӯъи асосии шеъри Меҳмон меҳру муҳаббати Ватан, Модар ва Устод, ишқу муҳаббати бекарон ба Инсоният аст. Нахустин маҷмӯъаи ашъори ӯ бо номи "Дуои модар", ки аз анвоъи маснавӣ, ғазал, мухаммас, рубоӣ ва шеъри озод гулчинӣ шудааст, ба дӯстдорони адаб тақдим мегардад.

ISBN 978-9943-22-282-3

© Yangi nashr, 2017

## МЕҲМОНИ НАВИ ҚАЛАМРАВИ СУХАН

Аз доманаи кӯҳҳои осмонбӯси Ғелони Шаҳрисабз ғелон-ғелон меҳмоне меояд. Меҳмоне қаламбадаст, меҳмони қаламрави сабзи Сухан шуданист. Суханаш таъм дорад: таъми эҳсосоти як ҷавони кӯҳистонӣ. Каломаш ранг дорад: ранги андешаҳои болоравандаи як кӯҳнаварди қавиирода. Бо азми қавӣ, бо иродаи мустаҳкам, бо рӯҳи боланда ва андешаи созанда вориди ин қаламрави рамзу роз ва сӯзу соз шуданист...

Аз он замон, ки ӯро шинохтаам, панҷ сол мегузарад. Меҳмон пилла-пилла, токча-токча рушд кард. Умрашро ба боди беҳудагардӣ надод. Китоб хонд, мутолиъа кард, шеъру ғазал азбар намуд. Классикон ва муъосиронро хуб омӯхт, муносиби ҳоли худ мақолаҳо ва рисолаҳои илмиву адабӣ навишт, дарс хону дарс дод, ёд гирифту ёд дод, ба сахтиҳои рӯзгор ва номуродиҳои зиндагӣ сар нафаровард.

Меҳмон танқидҳо ва мулоҳизаҳои устодонро ба ҷон пазируфт ва аз онҳо барои худ хулосаҳои лозим баровард. Натиҷаи ҳамин гуна талошҳо буд, ки пеш рафт, дар ду шаҳр, дар ду донишгоҳ, дар ҳузури устодони забону адабиёт ва адибони шинохта таълим гирифт, бори гарони пазмониҳои модари меҳрубонаш ва зодгоҳи азизашро мардонавор таҳаммул кард. Ин пазмониҳои ҷонгудозу ширин ба дасти ӯ қалам доданд ва ӯро ба сӯйи Қаламрави Сухан раҳнамун карданд.

Меҳмон медонист, ки Қаламрави Сухан ниҳоят дур ва дастнорас аст, аммо наҳаросид, кӯлборе пур аз ранҷи фироқ, азоби ғурбат, орзӯву умедҳои бекарон ва ормонҳои ширин бар дӯш, раҳсипори Маъвои Сухан гардид.

Мегӯянд, ки ҷаннат дар зери пойи модарон аст. Меҳмон фарзандест, ки ба маънои том ҷаннатро дар зери макдами модараш мебинад. Аз ин рӯ, нахустин шеървораҳои худро ба модараш тақдим намуд, дар ин мусофирати пурмашаққат, пеш аз сафари дароз ба сӯйи Қаламрави Сухан, дуъои неки модарашро гирифт. Дар симои модари ба ҷон баробараш Ватани азиз ва Муҳаббати поку беолойиши инсониро мушоҳида кард.

Меҳмон навсафари некандеш ва некбинест. Шеърро ончунон ки табиъаташ сиришта шудааст, самимона мегӯяд, аз дурӯғ ва кинаву олойишҳо ҳазар мекунад.

Умедворем, ки Меҳмони Ғелонӣ бо дуъои неки модар ва устодонаш меҳмони чандрӯзаи ин қаламрави муқаддас набошад. Барои ҳамеша бимонад. Бо сухани гарм ва қалби нармаш. Шояд, ки тавфиқ ёбад, дурри мақсуд ба каф орад ва бо чакомаҳои борониаш ба гӯши дили ошиқон замзама кунад. Ошиқона, шоирона, пурфасона...

**Ҷаъфар Муҳаммади ТИРМИЗӢ**

# ВАТАННОМА

## ӮЗБЕКИСТОН

Як диёри гулфишон дорем мо,
Бахту иқболи ҷавон дорем мо.

Ӯзбекистон аст номаш пуршараф,
Сулҳ бо аҳли ҷаҳон дорем мо.

Бар заминаш тухми бахт афшондем,
Бас шукуфон бӯстон дорем мо.

Халқ озоду Ватан обод шуд,
Софу бегард осмон дорем мо.

Гашт рӯди пурҷилояш мавҷзан,
Сиру Омӯи равон дорем мо.

Корвони мо ба манзил мерасад,
Баски доно сорбон дорем мо.

Васфи онро аз дилу ҷон мекунем,
Нуктаҳо дар дил ниҳон дорем мо.

Дар дифои халқу меҳан ҷоннисор,
Аскарони қаҳрамон дорем мо.

Гар биояд Меҳмон бар хонадон,
Иззати ӯро ба ҷон дорем мо.

## ВАТАН

Ганҷинаи шеъри шоирон аст Ватан,
Гӯӣ, ба тани ману ту ҷон аст Ватан.

Дар беватанӣ набошадат оромӣ,
Афкори фурӯғи оқилон аст Ватан.

Будем дар оғӯши Ватан рӯзе тифл,
Имрӯз ҷавонему ҷавон аст Ватан.

Дар ҷомеъаҳо ҳамекунем авсофаш,
Ҳам нутқи равони воъизон аст Ватан.

Чун сабза дамидаем дар доманаш,
Паҳнои кабири ошиқон аст Ватан.

Эй булбулакон, шумо сароед наво,
Зеро, ки макони булбулон аст Ватан.

Мо дарбадаре будем, ҳоло имрӯз,
Хамчун малакему осмон аст Ватан.

Бинвоз ту чанги худ дар ин боғу чаман,
Меҳмон, ки баҳору бӯстон аст Ватан.

## ТОШКАНД

Шаҳри бузургон, шаҳри азизон,
Пойтахти давлат чун нури имон.
Майдони Модар, Темур чу ахтар,
Боғи Улуғбек – боғи ҷавонон.

Тошканд, ту ҳастӣ гулбоғи давлат,
Дар Ӯзбекистон чун тоҷи давлат.

Ободӣ бошӣ ҳар лаҳза, ҳар дам,
Бар дарди одам гардида марҳам.
Нури муҳаббат пошӣ ба олам,
Мурғи Ҳумо шуд бахтат дар ин дам.

Тошканд, ту ҳастӣ гулбоғи давлат,
Дар Ӯзбекистон чун тоҷи давлат.

Ман аз Ҳисору меҳр бо ту бастам,
Аз шавқу шодӣ масту аластам.
Обу ҳавою хокат парастам,
Гар соате ман наздат нишастам.

Тошканд, ту ҳастӣ гулбоғи давлат,
Дар Ӯзбекистон чун тоҷи давлат.

Шукри Худову шукри замона,
Халқат ба олам ҳамошёна.
Гуфто мударрис бо ин баҳона,
Дар рӯи олам ҳастӣ ягона.

Тошканд, ту ҳастӣ гулбоғи давлат,
Дар Ӯзбекистон чун тоҷи давлат.

Шоми фӯрузон маҳтоби тобон,
Меҳмон намуда иншои достон.

## САМАРҚАНД

Самарқандам, Мароқандам,
Амударёву Дарбандам.

Ҳамон Шоҳе, ки медонам,
Каломам, тоъатам, пандам.

Ба роҳи орзӯҳоят,
Камар аз чор ҷо бандам.

Ниҳоле, к-оварад ғамро,
Зи бехаш мар-варо кандам.

Шукуфону гулафшонӣ,
Камина орзӯмандам.

Чӣ Раҳмат дорад Оби ту,
Ба хокат решапайвандам.

Ба дил илҳом мебахшӣ,
Туӣ лафзам, туӣ қандам.

Ва Меҳмонро дар оғӯшат,
Гирифта гӯй: фарзандам.

Самарқандам, Самарқандам,
Самарқандам, Самарқандам.

## ИНҶОСТ

*Дар васфи Самарқанд*

Валлоҳ, ҳама шоҳу дариҳо инҷост,
Хубони ҷаҳон, ҳуру париҳо инҷост.

Моро ту магӯ, шумо зи Кеш омадаед,
Кошонаи маъшуқи дили мо инҷост.

Эй Юсуфи дилдода, чаро дар чоҳӣ?
Аз чоҳ бурун шав, ки Зулайхо инҷост.

Вомиқ, зи висоли ёр махмур шудӣ,
Зуд ой ба майхона, ки Узро инҷост.

Ҳар ҷо манигар, ки Ҳақ ба инҷо нигарад,
Ду дидаи дилдодаи шайдо инҷост.

То кай бишавӣ ошиқи гулҳои чаман?
Бингар, ки Гуландому Гулоро инҷост.

Аз комилаву оқилаву шоираҳо,
Маҳбубаю Дилшоду Парисо инҷост.

Имрӯз ту Маҷнун, сари худ боло кун,
Маъшуқаи зебои ту – Лайло инҷост.

Меою ба якбор бубин, эй Ҳофиз,
Он хол, ки гуфтаӣ, муҳайё инҷост.

Эй чашма, чаро ту мекунӣ нози зиёд?
Биштоб, ки он гавҳари якто инҷост.

Уқбо чу бихоҳӣ, шаҳди уқбо инҷост,
Дунё чу бихоҳӣ, маҳди дунё инҷост.

Меҳмон, ту ба дарвозаи Шарқ омадаӣ,
Боз ой дарун,  нақши муҷалло инҷост.

## ШАҲРИСАБЗ

Зеби чаҳонӣ, Шаҳрисабз,
Фахри замонӣ, Шаҳрисабз.
Овозаат шуд достон,
Чун қаҳрамонӣ, Шаҳрисабз!

Темур дар оғӯши ту буд,
Чун қалби пурҷӯши ту буд.
Ҳарфаш ба ҳарбу зарбҳо,
Ҳар лаҳза дар гӯши ту буд.

Чун қаҳрамонони далер,
Ӯрост ашхоси кабир.
Меҳмон бифахр аз ин сухан,
Дорӣ ту ҳам тоҷу сарир.

Доим шукуфон, Шаҳрисабз.
Ҳам боғу бӯстон, Шаҳрисабз.
Фахри Ватан, нури чаман,
Чун шамси тобон, Шаҳрисабз.

## ҲАЗРАТИ СУЛТОН

Ту дарёиву ман ғарқидаи он,
Ту дунёиву ман назди ту ҳайрон.

Дилам сӯзад, аё Султони Ҳазрат,
Набиншастам ба наздат лаҳза, як он.

Замини сабзи мо сарсабз бо ту,
Дили ранҷури мо ҷӯёи Раҳмон.

Зи кӯи ту ҷудоӣ талх бошад,
Гарон бошад ба дӯшам бори ҳиҷрон.

Куҷо ишқу куҷо маъшуқу ошиқ?
Ба даргоҳат даре бикшо ба Меҳмон.

## ҒЕЛОН

Дар мобайни кӯҳсорон,
Дар қаъри чашмасорон.
Ҳавои боду борон,
Ғелон, Ғелон, ҷон Ғелон.

Ба ҳар дил гашта беҳтар,
Нурпошӣ кунад меҳтар.
Кулбаи шамсу қамар,
Ғелон, Ғелон, ҷон Ғелон.

Осмонат аст мусаффо,
Заминат кони тилло.
Мардум кунад таваллло,
Ғелон, Ғелон, ҷон Ғелон.

Аҷдодону ниёгон,
Дар қалбат гашта ҷӯшон.
Авлодонат хурӯшон,
Ғелон, Ғелон, ҷон Ғелон.

Дар роҳи Ҳақ равонанд,
“Дил ба ёр, даст ба коранд”.
Меҳре ба замин доранд,
Пиру барнои Ғелон.

Ин нома қабул бинмо,
Ба чашм хокат тӯтиё.
Рахшони андар дунё,
Ғелон Ғелон ҷон Ғелон.

Холиқи ҷонфидоянд,
На шоҳу на гадоянд.
Аҳмадгӯи Худоянд,
Пиру ҷавони Ғелон.

# МОДАРНОМА

**МОДАРНОМА**

Қаламро биронам ба номи Худо,
Ба номи Худованди мову шумо.

“Ба номи Худое, ки ҷон офарид,
Сухан гуфтан андар забон офарид”.

Ба номи Худое, ки Ишқ офарид,
Мадинаву Макка, Димишқ офарид.

Дар аввал сипоси Худоро бигӯ,
Сипас, бар Расулаш саноҳо бигӯ.

Агар бандаӣ, рав, шариат бидон,
Худованди ҳақро ҳақиқат бидон.

Намо зикру ҳар дам тасанно бикун,
Ба Яздони якто тавалло бикун.

Аён аст бар Ӯ ниҳони ҳама,
Бувад Ӯ азизи ҷаҳони ҳама.

Ба дилдодагонаш ҳазор офарин,
Зи қасри дилу аз забон офарин.

Ба сахтии ҳар бандае ёр ӯст,
Шафиқу ҳабибу мададгор ӯст.

Чӣ гӯям, забонам гиреҳпеч шуд,
Саропои ҳастии ман ҳеч шуд.

Натонам, ки аз дил садо оварам,
Битарсам, ки ҳарфе хато оварам.

***

Ало, Модар, аз чашми ман рафта нур,
Зи дидори чун ҷаннатат гашта дур.

Ало, Модари ҷон, садо мекунӣ,
Бароям ҳамеша дуъо мекунӣ.

Ало, Модари ҷон, ҷаҳонам туӣ,
Камоли каломам, забонам туӣ.

Зи ҳақҷӯиҳоят шавам подшоҳ,
Агар мисли Юсуф шудам зери чоҳ.

Набошад касе ғайри ту ғамгусор,
Ба ҷони мани хаста дар рӯзгор.

Бигирйӣ ба ҳангоми дарду ғамам,
Ба ҳангоми шодӣ шавӣ ҳамдамам.

Магар дида дунё чу ту ғамгусор,
Ки бо ҳастии ман кунад ифтихор?

Бидидам дар айёми шоҳонагӣ,
Таборию хешию бегонагӣ.

Маро шаҳри ғурбат басо хор кард,
Ба дидори ширини ту зор кард.

Агар дар заминам, ҳавоям туӣ,
Ба ҳар дарду ранҷе давоям туӣ.

Замоне расиду шудам раҳсипор,
Ба дунболи илму пайи касбу кор.

Бубахшой, Модар, ту фарзанди хеш,
Ки дури-ш қалби туро карда реш.

Маро панди ту зиндагӣ ёд дод,
Муборак суханҳоят имдод дод.

Ба деҳ чун расидам, занӣ болу пар,
Чу парвонае ту ба гирди писар.

Зи пешонаам бӯсаҳо мекунӣ,
Ба мавлуди ман тӯҳфаҳо мекунӣ.

Ало, Модари ҷони ғампарварам,
Ҳама гарди пойи ту тоҷи сарам.

Ту ҳастиву рӯзам чу Наврӯз ҳаст,
Ту ҳастиву дирӯзу имрӯз ҳаст.

Ту ҳастиву ҳусну ҷамолам зи туст,
Ту ҳастиву авҷу камолам зи туст.

Ту ҳастиву манро ҳама парварад,
Ту ҳастиву хоби шабам мебарад.

Ту ҳастиву хуршеди ман ҷилвагар,
Ту ҳастиву ҳар кори ман босамар.

Ту ҳастиву Меҳмони ту зиндааст,
Ту ҳастиву Меҳмони ту бандааст.

Ту ҳастиву гирам ба дастам қалам,
Ту ҳастиву монам ба сӯят қадам...

## МОДАРАМ

Модарам, эй Модарам, ҷон Модарам,
Шод бошу зинда бош андар барам.

Ман, ки ин дам бо қади ту ҳамқадам,
Лаҳзае аз тифлиам ёд оварам.

Карда равшан шоми торики маро,
Меҳрафрӯзи ману ҳам ёварам.

Фитнаборон то нарезад з-осмон,
Соябон гаштӣ ту болои сарам.

Бо калому маъниҳову маърифат,
Пур зи ишқи Ҳақ намудӣ соғарам.

Ҳар куҷое мақдами ту меравад,
Саҷда бар ҳар як қудумат оварам.

Аз суруди "Алла"-ат имрӯз ман,
Шеъру ашъори дарӣ меофарам.

Гар нишинам лаҳзае ман назди ту,
Бо тафаххур сила бинмоӣ сарам.

## ДУЪОИ ОЧА

Дар хонаи дили ман нуру сафоӣ, Оча,
Дар манзили умедам савту навоӣ, Оча.

Дунё нахоҳам асло бе туву бе нигоҳат,
Дунёи ман ту ҳастӣ, онро ҷилоӣ, Оча.

Ғайри ту нест асло имдодгар ба дунё,
Бар дардҳои ҷонам худ ту давоӣ, Оча.

Бо дастҳои нармат сила кунӣ сарамро,
Бо ҳарфҳои гармат ҳикматсароӣ, Оча.

Аз ранҷу дарду офат, аз ҳар балову кулфат,
Доим нигоҳ дорад дасти дуъои Оча.

Дар тифлию ҷавонӣ Фирдавс хонаи ман,
Ҷаннатмакон бидонам ман хоки пои Оча.

Гоҳе миёни ёрон ё ки ба худ ягона,
Ҳар дам ба гӯшам ояд ҳарфу хиҷои Оча.

Кошонаам пур аз нур, эй дӯстони машҳур,
Манро зиё набошад ғайри зиёи Оча.

То ман киям, бидонам, лафзи варо бихонам,
Аллоҳро биомӯхт он аллаҳои Оча.

Инро агар пазирад, як умр дар бари ӯ,
Бахшам вуҷуди худро, гардам асои Оча.

Ҳар ҳарфу ҳар сурудаш ашъори зиндагонист,
Фарди баробаре нест асло ба ҷои Оча.

Ӯ дар дилаш нуҳуфта, дарду ғамаш нагуфта,
Меҳмон, саро ҳамеша сӯзу навои Оча.

## РОҲ БА ФИРДАВС

Бо лутф кушо ба ман Худоё,
Асрори ҳама арзу саморо.

Омӯхтаам хирад зи бихрад,
Одоби сухан зи марди доно.

Гуфтӣ, бирасӣ ба мақсади хеш,
Бо ростиву накӯӣ, Ёро.

Хоҳӣ гузарӣ зи пул ба Фирдавс,
Мегир зи модарат дуъоро.

Гуфтӣ, ки бикун сахою мардӣ,
Пас пеша намо ту шоириро.

## МОДАРИ ҶОН

Эй Модари ҷон, Модари ҷон, Модари ҷонам,
Ҳар лаҳза бувад номи хушат вирди забонам.
Чун меҳри ту нерӯст дар қалби ҷавонам,
Имрӯз қалам аз паи тасвири ту ронам.

***

Аз хандаи ту, Модар, ҳушёр шавам,
В-аз гиряи ту ба ғам гирифтор шавам.
Олам ҳама аз меҳри ту равшан бошад,
Бар ҳар сухани ту ман талафгор шавам.

***

Эй Модари ҷон, маро ба ҷон парвардӣ,
Бо нури ду дидагон калонам кардӣ.
Аввал ту ба меҳрубонию меҳру вафо,
Охир ба мусофирӣ равонам кардӣ.

***

Аввалин устоди ман, эй моҳи тобон, Модарам,
Зеби ин дунёи ман, эй шамси хубон, Модарам.
Ту дар оғӯшат гирифта меҳру шафқат кардаӣ,
То ки қадратро бидонам беҳтар аз ҷон, Модарам.

***

Аё эй модари ҷонам,
Ту ҳастӣ нури чашмонам.
Туӣ ҳам дарду дармонам,
Чу меҳрат ҳаст дар ҷонам.

# МУ□АББАТНОМА

## ЗАБОН ДОИМ САНОГӮИ ТУ БОШАД

Маконам домани кӯи ту бошад.
Умедам дидани рӯи ту бошад.

Ҷаҳон афрӯхтӣ бо як нигоҳат,
Ба дида ёди гесӯи ту бошад.

Садову назму насру ҳам назокат,
Ба қадду қомату мӯи ту бошад.

Ҳама фикру хаёли бастаи ман,
Ба сарви қадди дилҷӯи ту бошад.

Мапурс аз ман, ки дил дорӣ ва ё на?
Дили овора паҳлӯи ту бошад.

Бувад гар моҳ дар афлок тобон,
Шабеҳи он ду абрӯи ту бошад.

Бубин, табъам зи ҳуснат мавҷи дарёст,
Забон доим саногӯи ту бошад.

Дар ин бозори ишқ атре наҷӯям,
Димоғам маст бо бӯи ту бошад.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҶАЪФАР МУҲАММАД

Харитаи хаёли ман ҷаҳони беканор шуд,
Замону сарзамини ҷон ҳама бунафшазор шуд,
Дуҳул, биҳил, ки зиндагӣ бадал ба уду тор шуд,
“Ба хуни сабзи вожаҳо қасам, ки навбаҳор шуд,
Ба хуни вожае, ки зери мақдамаш нисор шуд”.

Ба лафзи осиёиён дуруд Шаҳрисабз шуд,
Зи Қандаҳор қандтар, суруд Шаҳрисабз шуд,
Чағониёну Чочро фуруд Шаҳрисабз шуд,
“Тамоми шаҳр сабз шуд, вуҷуд Шаҳрисабз шуд,
Замини Уммукӯҳи дил диёри ёди ёр шуд”.

Суруда шеъри сабзи худ ба кӯҳи Ум шудӣ равон,
Макони Шаҳрисабз шуд зи мақдами ту гулфишон,
Каломи рӯҳбахши ту тумори қалби ошиқон,
“Ту аз куҷои Каҳкашон расидӣ, ишқи навҷавон,
Ки бо нигоҳи сабзи ту кавир сабзазор шуд”.

Камина аҷнабияму баҳори монда дар Димишқ,
Ғуломи он паривашу нигори монда дар Димишқ,
Ки шоҳаму ба ёди он манори монда дар Димишқ,
“Қасам ба Шаҳри сабзи ишқ, ёри монда дарДимишқ,
Дилам кашол мешавад,чӣ ҳол шуд,чӣ кор шуд?”

Баро зи олами худу ҷаҳони ину он бубин,
Бикун хаёли Шаҳрисабзу ёди ёри маҳҷабин,
Насими раҳгузар, расон зи мо ба Ҷаъфар офарин,
“Саломи гарму оташин расонд атри Фарвадин,
Ки рафт ақл, рафт дин, баҳор шуд, баҳор шуд!”

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ПАЙМОН

Ай шоҳи шоҳи ошиқон, бо ман бишин, бо ман бимон,
Нуру сафои осмон, бо ман бишин, бо ман бимон,
Ҳарфу ҳиҷову ҷону ҷон, бо ман бишин, бо ман бимон,
“Ай нозанин, ай меҳрубон, бо ман бишин, бо ман бимон,
Моҳи мубин, ҷони ҷаҳон, бо ман бишин, бо ман бимон,”

Ширину дилдорам туӣ, ҳам фикру афкорам туӣ,
Дар зиндаги ёрам туӣ, Лайлии бедорам туӣ,
Мушкилкушои роҳаму ободии корам туӣ,
“Оне, ки ман дорам туӣ, ҷоне, ки ман дорам туӣ,
Ай ту ҳам ину низ он, бо ман бишин бо ман бимон,”

Юсуф манам, гар бишнавӣ, доим Зулайхои манӣ,
Вомиқ шудам дар ҳаҷри ту, то ки ту Узрои манӣ,
Фасли таманнои манӣ, имрӯзу фардои манӣ,
“Пинҳону пайдои манӣ, дунёи дунёи манӣ,
Ай беҳтарини беҳтарон, бо ман бишин, бо ман бимон.

Гуфтӣ, ки наздикам биё, изҳори дил тақрир кун,
Ҳар тори гесӯи маро, маҷнунсифат тасвир кун,
Амсоли дарёи равон, илҳоми худ тасхир кун,
“Дар ман маро таъмир кун, таҷдид кун, таҳрир кун,
Ай ҳадгузин, ай ҳаднишон, бо ман бишин, бо ман бимон.”

Ман одилам, соҳибдилам, ташбеҳи Зуннунам намо,
Бошам чу ринди майкада, аз кулба берунам намо,
Ё бӯсаборонам бидеҳ, ё мисли Маҷнунам намо,
“З-афсунат афсунам намо, аз хеш берунам намо,
Ай соҳирини соҳирон, бо ман бишин, бо ман бимон.”

Дар шоҳроҳи мушкилам, ғӯтида дар доми гилам,
Меҳмони амлоки дилам, бо ту мунаввар манзилам,
Обу ҳавою соҳилам, пурбор гардон ҳосилам,
“То бо ту бошам, комилам, дарёсифат, дарёдилам,
Ай ёри Паймон, ҷовидон, бо ман бишин, бо ман бимон.”

## МАН БО ТУЯМ

Эй суди ман, эй буди ман, ман бо туям, ту бо манӣ,
Эй Шайху эй Масъуди ман, ман бо туям, ту бо манӣ.

Дар зиндагӣ ёри манӣ, ёри мададгори манӣ,
Соҳил манам, эй рӯди ман, ман бо туям, ту бо манӣ.

Аттори анбори манӣ, муштоқи ашъори манӣ,
Ғоратгари ҳар суди ман, ман бо туям, ту бо манӣ.

Маҷнун куҷо, Лайло куҷо? Тоҳир куҷо, Захро куҷо?
Оташ мазан бар дуди ман, ман бо туям, ту бо манӣ.

Меҳмони давронат манам, тахти Сулаймон масканам,
Эй ишқи дардолуди ман, ман бо туям, ту бо манӣ.

## МЕҲМОНАМ

Зи ишқи он гулам саргаштаву овора Меҳмонам,
Бувад дар дида ашку ҳам дили садпора Меҳмонам.

Ба дунё омадам, то ки шавам ҳамсӯҳбатат боре,
Вале нодида дар бозор як сайёра Меҳмонам.

Ба доми ғурбатам имрӯз, ба кунҷи хилватам имрӯз,
Намеёбам дили дили гумгаштаро, бечора Меҳмонам.

Ба авсофат сафар кардам, шаби худро саҳар кардам,
Ба дом афтодаи ишқи ту, эй айёра, Меҳмонам.

Дар ин кошона меҳмонам, суруди ишқ мехонам.
Зи кӯҳи сабзи Ғелонам, дар ин сайёра Меҳмонам.

## ЭЙ ЁРИ МАН

Эй ёри ман, эй ёри ман, айёри ман, айёри ман.
Мавло туӣ, мулло туӣ, дар манзили бемори ман.

Эй рӯди ман, эй суди ман, эй матлабу мақсуди ман,
Ифшосарои уди ман, зебандаи асрори ман.

Дилдодаи номи туам, арзандаи шоми туам,
Арзе набошад бандаро бар кори туву кори ман.

Лаъли Бадахшонам туӣ, дарёву тӯфонам туӣ,
Ҳам бахти хандонам туӣ, ҳам дидаи бедори ман.

Наврӯзи ман, наврӯзи ман, маънои ҳар як рӯзи ман,
Дар зиндагӣ пирӯзи ман, нозуктар аз ашъори ман.

Меҳмони ман, Меҳмони ман, сӯзи дили ҳайрони ман,
Фардо туӣ, фардо туӣ, Мансури зери дори ман.

## ПАРВОЗ КУН

Эй парипайкар, паратро пар зану парвоз кун,
Ғунчаи нашкуфтаи илҳоми манро боз кун.

Гар ҳамехоҳӣ бубинӣ зиндаву сарсабзу шод,
Ишқварзӣ бо мани дилдодаат оғоз кун.

То нависам байти абрӯят ба рӯи арзи дил,
Чангу уду тору сози қоматат пардоз кун.

## БАРОДАР

*Ба Шариф*

Ранҷур машав, аё бародар,
Ҳастӣ ту зи Осиёи кишвар.

Дар мамлакатем пур зи дилбар,
Бояд бишавем мо диловар.

Эй кош, расад, шавем мо ҳам,
Рӯзе ба ғаму алам музаффар.

Саъдӣ, ки ба тоҷикӣ сухан бофт,
Гардид ҷаҳон ба ӯ мусаххар.

Сад шукр, ба мо ианояте дод,
Иншо бикунем зевару зар.

Меҳмони азизи кохи ишқем,
Гардем Шарифу некахтар.

## КУҶО ШУД?

Ҷаҳонгирон, ҷаҳондорон куҷо шуд?
Шаҳаншоҳону дарвешон куҷо шуд?

Куҷо шуд Саъдиву Хайёму Ҷомӣ?
Навоӣ – булбули хушхон куҷо шуд?

Куҷо шуд он ҳама дӯкони ирфон?
Фаридаддини атторон куҷо шуд?

Намонад кас ба гетӣ боқӣ ҳаргиз,
Бубин, он Ҳофизи хушхон куҷо шуд?

Ба дарди пиру барно ёфт дармон,
Бигӯ, Сино ва ё Луқмон куҷо шуд?

Замину осмон дар ҷои худ ҳол,
Ҳавасманду ҳасаддорон куҷо шуд?

## ТАМАННО

Шоирон гар шеъри худ иншо кунанд,
Ворисон бар дидаву дил ҷо кунанд.

Ман, ки акнун ворисам бар шоирон,
Пеши роҳи бастаи ман во кунанд.

Мавҷи он рӯде, кӣ гуфта Рӯдакӣ,
Мисли он илҳоми ман дарё кунанд.

## ОЙ НАВРӮЗ!

Ой Наврӯз, бахти фирӯз, Ой Наврӯз,
Сардии олам раҳо бинмой, Наврӯз.
Ҳам чароғи қалби мо равшан намо,
Дар хаёли мо туӣ, меой, Наврӯз!
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, Ой Наврӯз!

Бар ҳулӯлат баски пазмон гаштаем,
Лолу ҳайрон, мавҷи уммон гаштаем.
На шунуфт овози булбул, на шукуфон донаи гул,
Шоха урён, мо чу урён гаштаем.
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, Ой Наврӯз!

Ҳам фароғат дар миёни лолазор,
Сайри боғу кӯҳсор ҳамроҳи ёр.
Бо дили бетоқату бо шавқу завқ,
Настаран, ҳулбӯю райҳон дар канор.
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, Ой Наврӯз!

Ҷомаи сабзат ба бар ту бинамо,
Хомаи рангин заминрову само.
Моҳи Фарвардин шунав, матлаб зи мо,
Чунки Меҳмон интизори иди мо.
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, Ой Наврӯз!

## ЭЪТИРОФ

*Таассурот аз хона-музейи Ориф Гулханӣ*

Дар Самарқанди самарманд
Шамси тобонро бидидам,
Мадхали Шамс
Гулханӣ оташфишон
То расонад кӯмаке бар одамон,
Ё ки бар аҳли ҷаҳон.
Бо ғазалҳову рубоиҳои худ
Нур бахшад бар дару девори ҳар як хонадон.
Ман бидидам,
Рост мегӯям, бидидам
Ин ҷило аз сӯи гулхан,
Ё ки Олим, ё Муқимҷон.

Ман бидидам кулбаи Ёр,
Хонаи Ёр,
Чеҳраи хандони Ёр.

Оре, оре ишқи Яздонро бидидам,
Нури имонро бидидам,
Ақлу ирфонро бидидам,
Асли инсонро бидидам.

Мот гаштам.
Шоҳ бо шеъраш хуҷум кард,
Аскарони ақли манро
Дар дақиқа сарнагун кард,
Ман надонам дар куҷо зеру забун кард!
Оҳ, чун кард.

Мот гаштам!
Дар забон зикри Худо,
Сад тавалло,
Сад тасанно.

Офарин бар Орифону
Офарин бар Олимону
Офарин бар Оқилонаш!
Боз хоҳам з-ин сулола,
Одилон бар даҳр оянд.

Халқ гӯяд сад дуруд
Бар Орифону Олимону Оқилону Одилон!
Офарин гуям, Худоё,
Бар Муқими Орифии Гулханӣ
Чунки ӯ гулпарвар аст,
Чунки ӯ дилпарвар аст,
Чунки ӯ шеърпарвар аст!

## БО ДУЪОИ РӮДАКӢ

Бӯи ёри ноаён ояд ҳаме,
Бӯи сунбул бенишон ояд ҳаме.

Аз диёри Панҷакенти бостон,
Атри нопайдо ниҳон ояд ҳаме.

Бар машоми Шоҳ Маҳмуд ногаҳон
“Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме”.

Бар Бухорои Шариф аз Каҳкашон,
Шоҳ бо асбаш давон ояд ҳаме.

Бӯи ҳар як шеъру ҳикматҳои ӯ,
З-асри нӯҳ то ин замон ояд ҳаме.

Рӯи саҳфа бо дуъои Рӯдакӣ,
Байтаке аз Меҳмон ояд ҳаме.

## ШЕЪРИ ҶАЪФАР

Шаш оламу шаш ҳаёт рӯи саҳфа,
Бинем заковату нубуғи Ҷаъфар.
Аз меҳр ба арзи мо фурӯғе омад,
Аз равшании дили фурӯғи Ҷаъфар.

Оғоз каломи тоҷикӣ иншо кард,
Аз хоки хирад сабӯи ишқ эҳё кард.
Бо лаҳни дарӣ дари суханро во кард,
Дар олами мо олами нав пайдо кард.

Изҳори ҳама лаълу гуҳар дар шеъраш,
Изҳори ҳама шаҳду шакар дар шеъраш.
Изҳори ҳама олами илму ирфон,
Изҳори ҳама накду назар дар шеъраш.

Мавзӯъи Ватан, дарду ғами инсонӣ,
Бо ишқ дурахшон шуда дар ашъораш.
Ирфону вуҷуду адами ин ҳастӣ
Бо ишқ намоён шуда дар осораш.

## ДӮСТ МЕДОРАМ ТУРО

*Замину осмонлардан Сени топдим, Сени севдим,*
*Аёну ноаёнлардан Сени топдим, Сени севдим.*

Жаъфар Муҳаммад

Аз замин то осмон, ман дӯст медорам туро,
Ҳам аёну ноаён, ман дӯст медорам туро.

Чун Самарқанду Бухоро гарчӣ ишқ аст ошкор,
Лек дар сина ниҳон, ман дӯст медорам туро.

Бо умеду ҳам хаёлат рӯзу шаб дар хилватам,
Аз сари шаб то азон ман дӯст медорам туро.

Аз ҳазорон боғ атри зулфи ту пайдо нашуд,
Атри боғу бӯстон, ман дӯст медорам туро.

Машриқу Мағриб чӣ бошад, шаш ҷиҳат, яъне ки чӣ?
То фарози Каҳкашон ман дӯст медорам туро.

Чун ба мисли бод дар олам бигаштам дарбадар,
Эй зиёи ошён, ман дӯст медорам туро.

Ту бихон ашъори Ҷаъфар то садояш бишнавӣ,
Номи ту вирди забон, ман дӯст медорам туро.

## ДИЛ

Дил ҳамеша чашмаи эҷоду бунёди ман аст,
Дил таҷаллигоҳи ин табъи худододи ман аст.

Аз найистон гар ҷудоям, бесару беинтиҳоям,
Бишнавӣ гар ту садоям, дон, ки фарёди ман аст.

Ман ки илми маънави аз «Маснавӣ» омӯхтам,
“Маснавии маънавӣ” дунёи ободи ман аст.

Дар дубайтӣ ишқ дорад ҷилваҳои шӯълабор,
Хуш, ки он абёти Бобо Тоҳир имдоди ман аст.

То ба ин дам ман накардам Меҳмон, асло сафар,
Ин нидоҳо аз даруни қалби сайёди ман аст.

## МУАЛЛИМ

*Барои муаллима З. Ниёзова*

Ғамхору меҳрубонам, муаллим, о муаллим,
Сардору сорбонам муаллим, о муаллим.

Роҳӣ намуда моро, таълим додӣ зебо,
Хуршеди осмонам, муаллим, о муаллим.

Дарси ҳаёт гуфтӣ, дарси ҳаёту одоб,
Доим ту дар забонам, муаллим, о муаллим.

Шеъру сурудҳоят дар қалби ман, ки имрӯз,
Меҳмони ин ҷаҳонам, муаллим, о муаллим.

## ЭЙ ДИЛБАР

*Илҳом аз рӯбоиёти Мавлоно Румӣ*

Маҷнуну парешони туам, эй дилбар,
Саргаштаву ҳайрони туам, эй дилбар.
Не ҷою макон дораму не айши дуруст,
Ман бесару сомони туам, эй дилбар.

Пироҳани зебову гулоро дорӣ,
Ман он гули хандони туам, эй дилбар.
Аз нуру зиёи ишқ фурӯзон мебош,
Шамсу маҳи тобони туам, эй дилбар.

Бингар ба ду дастат, ки маро то бинӣ,
Оёти ду дастони туам, эй дилбар.
Кун ҳурмату эҳтиром дар дайри фано,
Як лаҳза ки Меҳмони туам, эй дилбар.

## САРВҚОМАТ

Т ҳастӣ сарвқомат, ёри ҷонам,
Бароят қиссае аз ишқ хонам.
Ки аз рӯзе ба ту ошиқ шудам ман,
Ба мисли булбули бехонумонам.

Туро дидам дар айёми баҳорон,
Дар оғӯши гулон чун чеҳрахандон.
Кунам ифшои рози дил, бигуфтам,
Накардӣ як назар аз баҳри Яздон.

## ДИЛ

Ба дунё омадӣ, эй дил,
Чаро афгору найсонӣ?
Дар ин манзил, дар ин маҳфил,
Чаро афгору найсонӣ?

Ҳама дорад ғами дунё,
Шаҳаншоҳону дороҳо,
Бикун сабру таваллоҳо,
Чаро афгору найсонӣ?

Ғами дунё нахӯрдан беҳ,
Назар бар ғам накардан беҳ,
Ва худро шод кардан беҳ,
Чаро афгору найсонӣ?

Нахустин сабр бар ҷо ор,
Ба сина кинаро магзор,
Надида чоҳу зери дор,
Чаро афгору найсонӣ?

Ба рӯзи аввали ҳафта,
Чу оҳан гаштаӣ суфта,
Тағаззулҳои нав гуфта,
Чаро афгору найсонӣ?

Зи ғамҳо дур мегаштӣ,
Басо пуршӯр мегаштӣ,
Чӣ сон масрур мегаштӣ,
Чаро афгору найсонӣ?

Ҳазорон бо ду чашми чор,
Барои он гули рухсор,
Туӣ овораи бозор,
Чаро афгору найсонӣ?

Гулу сунбул ҳама хуррам,
Ба дашту ёлаи олам,
Гулафшон кун маро ин дам,
Чаро афгору найсонӣ?

Зи Фарвардин садо омад,
Ки наврӯзии мо омад,
Сафарбар кун ту оромат,
Чаро афгору найсонӣ?

Бувад гар содатар шеърам,
Гиребони ту баргирам,
Ба ҳар як нози ту мирам,
Чаро афгору найсонӣ?

Шунав қисса фаро омад,
Зи ашъорам нидо омад,
Дурусту бехато омад,
Чаро афгору найсонӣ?

Дар ин кошона эй Меҳмон,
Бидеҳ таскин ба ҳар инсон,
Ту, эй девона, эй нодон,
Чаро афгору найсонӣ?

## БАРОИ РОВИЁНИ ҶАВОН

Хониши нозим бувад ташбеҳи булбул дар калом,
Ҳам талаффӯзҳо муассир, ҳам суханҳову салом.
Бо ҳаёву бо ибо нозук бувад мисли гулон,
Хуш бихон, бурро бихон ту, эй бародарҷон мудом.

## МУСОФИР

Мусофир гаштаму дар дил бувад ғам,
Ки ин ғам ҳамраҳу ҳамёру ҳамдам.
Чунон-к Тоҳир бигуфт аз баҳри ин дам:
“Маризо, боракалло, марҳабо ғам!”

## МУНДАРИҶА

Меҳмони нави Қаламрави Сухан ........ 3

## ВАТАННОМА

Ӯзбекистон ........ 5
Ватан ........ 6
Тошканд ........ 7
Самарқанд ........ 8
Инҷост ........ 9
Шаҳрисабз ........ 10
Ҳазрати Султон ........ 11
Ғелон ........ 12

## МОДАРНОМА

Модарнома ........ 13
Модарам ........ 16
Дуъои Оча ........ 17
Роҳ ба Фирдавс ........ 18
Модари ҷон ........ 19

## МУҲАББАТНОМА

Забон доим саногӯи ту бошад ........ 20
Мухаммас бар ғазали Ҷаъфар Муҳаммад ........ 21
Мухаммас бар ғазали Паймон ........ 22
Ман бо туям ........ 23
Меҳмонам ........ 24
Эй ёри ман ........ 25
Парвоз кун ........ 26
Бародар ........ 27
Куҷо шуд? ........ 28

Таманно.......................................................................................................29
Ой Наврӯз!....................................................................................................30
Эътироф.......................................................................................................31
Бо дуъои Рӯдакӣ.........................................................................................33
Шеъри Ҷаъфар.............................................................................................34
Дӯст медорам туро.....................................................................................35
Дил...............................................................................................................36
Муаллим......................................................................................................37
Эй дилбар.....................................................................................................38
Сарвқомат....................................................................................................38
Дил...............................................................................................................39
Барои ровиёни ҷавон..................................................................................41
Мусофир......................................................................................................41

*Бадиий нашр*

# МЕҲМОН
# ОНА ДУОСИ

*Шеърлар*

(Тожик тилида)

Муҳаррир *Р.Исоева*
Бадиий муҳаррир *Д.Акромов*
Техник муҳаррир *Б.Ирисбоев*
Мусаҳҳиҳ *Д.Исмоилова*
Саҳифаловчи *Д. Акромов*

Лиц. AI № 111. Босишга 22.02.2017 йилда рухсат этилди.
Бичими 60x84 $^{1}/_{32}$. Ҳажми 2,75 б. т.
Адади 250 нусха. Шартнома № 6/03-17. Буюртма № 49/9.

«YANGI NASHR» нашриёти,
100115, Тошкент ш., Чилонзор кўчаси, 1-уй.

Оригинал макет «Bilik-Print» МЧЖ корхонасида тайёрланди.
100115, Тошкент ш., Чилонзор кўчаси, 1-уй.

«ADAD PLYUS» МЧЖ босмахонаси.
Тошкент ш., Бунёдкор кўчаси, 28- уй.



Адабиётшинос ва шоири ҷавон Меҳмон Нарзиқулов 12-апрели соли 1991 дар деҳистони Ғелони ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё таваллуд ёфтааст. Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 58-и деҳа дар соли 2008 ба донишкадаи Филологияи ДДОВТ дохил шуда, онро дар соли 2012 ба итмом расонидааст. Дар солҳои 2012-2014 дар бахши “Адабиётшиносии тоҷик”-и давраи магистратурии Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил намудааст.

Ҳоло муаллими Донишгоҳи давлатии Самарқанд аст. Муаллифи рисолаҳои “Ғазал ишқи йӯлида ва ишқ ғазали кӯйида. Жаъфар Муҳаммад ғазлларига чизгилар” (бо ҳаммуаллифии А. Тоҳириён, Тошкент, 2014), “Шаҳри сабзи Ишқ. Нигоҳе ба ғазалиёти Ҷаъфар Муҳаммад” (Тошкент, 2016), дастури таълимии “Нақши панду андарзҳои мутафаккирон дар тарбияти ахлоқӣ ва маънавии насли наврас” (бо ҳаммуаллифии П.Абдуллоҷонов, 2017) ва беш аз 30 мақолаи илмӣ-оммавӣ мебошад.

ISBN-978-9943-22-282-3

YANGI NASHR